# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-030 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Парвандаи аттестатсионии №__12__**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 09.04.2021 с., тахти №_38___**

Дар бораи ба Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, додани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович дар мавзӯи «Ватандӯстӣ ва хусусиятҳои хосси он дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 13 октябри соли 2020 (Суратмаҷлиси №13) барои ҳимоя қабул гардидааст (734025, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2020 с., №63) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ, Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович, соли таваллудаш 1979, соли 2004 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «дипломат» хатм намудааст. Солҳои 2010-2013 унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ буд. Айни замон ба ҳайси котиби дуюми Раёсати Осиё ва Уқёнуси Ороми Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**:

Ҳайдаров Рустам Ҷӯрабоевич - доктори илмҳои фалсафа, мудири шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Муқарризони расмӣ:**

Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода, доктори илмҳои сиёсӣ, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқӣ-демкоратии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон;

Саидов Алихон Савзаевич, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, номзади илмҳои фалсафа Маҷидов Диловар Ҳафизович имзо ва аз ҷониби ректори донишкада, доктори илмҳои филологӣ Ж. Гулназарзода тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович дар мавзуи «Ватандӯстӣ ва хусусиятҳои хосси он дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият ва аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-12, 14 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, тахти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия саҳеҳ ва асоснок буда, ба ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, аз ҷумла дар атрофи масъалаҳои тарбияи ҷавонон, масъалаҳои миллӣ, мубориза бо терроризм ва экстремизм дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои мазкур алоқамандии зич доранд.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзӯи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда дар ҳаҷми 2,5 ҷ.ч. нашр

гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:

[1-М]. Курбонов С.М. Пути и средства формирования патриотизма таджикского народа [текст] / С.М. Қурбонов // Вестник Таджикского национального университета. - 2011. -4 (68). - С.278-282.

[2-М]. Курбонов С.М. Патриотизм как социально-политический феномен [текст] / С.М. Курбонов // Вестник таджикского педагогического университета им. С. Айнӣ. - 2011. - №1 (25). - С.39-43.

[3-М]. Қурбонов С.М. Тамоюли асосии рушди ватандӯстӣ дар шароити муосир [матн] / С.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2012. -3/7 (99). - С.153-158.

[4-М]. Қурбонов С.М. Хусусиятҳои хосси ташаккули ватандӯстии халқи тоҷик [матн] / С.М. Қурбонов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бахши илмҳои ҷомеашиносӣ. - 2014. -№4(236). -С. 122-127.

[5-М]. Қурбонов С.М., Моҳият ва хусусиятҳои ватандӯстӣ: таҳлили консептуалӣ [матн] / С.М. Қурбонов, Р.Ҷ. Ҳадаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. -№10. -С.275-280.

Ба автореферати диссертатсия чунин тақризҳо ворид шудаанд:

Бобозода Ф.Т. – номзади илмҳои таърих, директори Пажӯҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ, дипломатия ва масоили ҷаҳонишавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, эрод надорад;

Назриева О.Ш. - номзади илмҳои фалсафа, муовини сардори раёсати таҳлил ва ояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст. Дар тақриз ба сифати эрод қайд мегардад, ки дар матни автореферат хатогиҳои имлоию техникӣ дида мешаванд.

Неъмонов Дж.М. - номзади илмҳои сиёсӣ, мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст. Дар тақриз ба сифати эрод қайд мегардад, ки дар матни автореферат хатогиҳои имлоию техникӣ дида мешаванд.

Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти аз ҷониби унвонҷӯ анҷомёфта қайд менамояд, ки дар диссертатсияи мазкур:

– дар асоси таҳлили ҷанбаҳои таърихию сиёсии назарияҳо ва консепсияҳои илмӣ мазмуну моҳияти ватандӯстӣ муайян карда шуда, хусусиятҳои муҳими ин падида ва қонуниятҳои ташаккулёбии он ба таври консептуалӣ омӯхта шудаанд;

– тамоюлоти асосии рушди ватандӯстӣ дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода шуда, унсурҳои таркибии он, раванди ташаккулёбии он дар шароити муосир, махсусан зарурат ва муҳимияти он нишон дода шудаанд;

– омилҳои таърихию сиёсии ташаккулёбии ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудаанд;

– роҳҳои асосӣ ва омилҳои ташаккулёбии ватандӯстӣ дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** аз усулҳои диалектикӣ, равобити мутақобила ва қонунияти объективии бо ҳам вобастагардидаи равандҳои ҷамъиятию сиёсӣ иборатанд, ки онҳо аз стратегияи Ҳукумати Тоҷикистон оид ба ташаккули ҳисси ватандӯстии аҳолии ҷумҳурӣ бармеоянд. Дар раванди таҳқиқот методҳои илмии таҳлили сохторӣ, сохторию вазифавӣ ва муқоисавӣ истифода гардидаанд. Муаллиф дар таҳқиқоти худ ба хулосаҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ такя намуда, асосҳои консептуалии масъалаи ватандӯстиро ташаккул додааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти унвонҷӯ бо нуктаҳои зерин асоснок гардид:

Таҳлили як қатор масъалаҳои назариявию консептуалӣ ва истифодаи

коркардҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқотии илмҳои сиёсӣ барои омӯзиши раванди ташаккулёбии ватандӯстӣ дар шароити демократикунонии ҷомеа имконияти мусоид фароҳам овардаанд.

Таҳқиқоти мазкур имконият додааст, ки дар бораи ватандӯстӣ хулосаҳои илман асоснокшуда бароварда шаванд ва масъалаи тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ дар шароити объективӣ баҳогузорӣ гардад. Чунин муносибат имкон додааст, ки хусусиятҳои рушди ташаккули ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шаванд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур барои омӯзиши минбаъдаи масъалаи ватандӯстӣ дорои аҳамияти зиёди илмию назариявӣ мебошад.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои тахқиқоти унвонҷӯ бо он тасдиқ мегардад, ки:

Дар таҳқиқоти мазкур асосҳои назариявӣ, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавию идеологии ватандӯстӣ муайян карда шудаанд. Бинобар ин, таҳлилҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти мазкур анҷом дода шудаанд, метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва Ҳукумати кишвар ҳангоми таҳия ва татбиқи сиёсати идеологӣ ва миллӣ, махсусан зимни такмили минбаъдаи раванди ташаккулёбии ватандӯстии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шаванд. Инчунин, маводи диссертатсия метавонад дар раванди таълими як катор фанҳо, аз ҷумла сиёсатшиносӣ, фалсафа, таърих, ҳуқуқ ва дигар илмҳои гуманитарӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои ҳосилшуда, пеш аз ҳама, бо мутобиқати усулҳо ва методологияи таҳқиқот бо ҳадафу вазифаҳои диссертатсия асоснок карда мешавад. Дар диссертатсияи мазкур миқдори зарурии адабиёти илмии ба мавзӯъ дахлдор истифода гардидааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот андешаҳо ва хулосаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро ба таври фаровон истифода бурдааст.

Саҳми унвонҷӯ дар омӯзишу корбурди сарчашмаҳои назариявӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, таҳияи мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо оид ба

мавзӯи диссертатсия зоҳир мегардад.

Дар ҷаласаи 9-уми апрели соли 2021 Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмӣ 14 нафар, муқобили додани дараҷаи илмӣ – нафар, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Ҷононов С.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент** **Раҷабов И.Ш.**